

**21.03.2018 21:29, Иёлоти Муттахидаи Амрико**

21 марти соли 2018 Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар шахри Ню Йорки Иёлоти Муттахидаи Америка намояндагони Ширкати “Боинг” - ро ба хузур пазируфтанд.

 Дар мулокот оид ба имкони рушди хамкорихои судманд бо ин ширкати чахонӣ дар сохаи наклиёт, мусофиркашонӣ, бехдошти парки наклиётӣ дар Точикистон ва бо ин рох бехтар кардани сатхи хизматрасонии ширкатхои мусофиркашонии хавоӣ, табодули андеша карда шуд.

 Тавре маълум аст, якчанд ширкати Точикистон, ба хусус Ширкати хавопаймоии “Сомон Эйр” ва “Точик Эйр” аз тайёрахои муосири “Боинг” истифода мебаранд.

Чонибхо изхори умед карданд, ки рушди хамкорихои дучониба барои дар амал татбик кардани накшаву ниятхо бахри бехсозии сатхи хизматрасонии мусофиркашонӣ ва дигар хадафхо дар ин самт мусоидат мекунад.